Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

Гвардияи миллӣ воҳиди махсуси дорои иқтидору имкониятҳои ҳозиразамон ва омодабошии баланд буда, дар ташаккули низоми мудофиавии мамлакат нақши муҳим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

№9 (232)
12-сентябри соли 2025

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ПАЁМИ
## шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 34-солагии истиқлоли давлатӣ

08.09.2025, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шумо ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори бузургтарин ҷашни миллиамон – 34-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Ба хонадони ҳар яки шумо сулҳу оромӣ, саодати рӯзгор ва файзу баракат орзу менамоям.

Истиқлолу озодӣ барои мардуми Тоҷикистон гаронтарин неъмат ва пурқиматтарин сарвати зиндагӣ мебошад.

Зеро ин падидаи нодири таърихӣ ба мо барои бунёди давлати мустақил, ҷомеаи озод ва мутамаддину пешрафта, эҳёи воқеии забон, таърих, фарҳанг ва дигар суннату арзишҳои чандинҳазорсолаи миллӣ имконият фароҳам овард.

Маҳз ба шарофати истиқлол ва дар зери парчами истиқлол мардуми шарафманди тоҷик 34 сол инҷониб бо заҳмати содиқонаву софдилона давлати миллии худро бунёд ва Ватани маҳбуби хешро ободу истодаанд.

Миллати тоҷик ҳанӯз дар оғози давраи соҳибистиқлолӣ ба зарбаи ҷонкоҳи таърих гирифтор гардид, вале ба шарофати хиради азалии худ он рӯзҳои бисёр сахту сангинро бо иродаи матин ва рӯҳи қавӣ сипарӣ намуд.

Яъне дар он айёми фоҷиабор бо майлу ирода ва дастгириву пуштибонии мардуми куҳанбунёдамон хатари нест шудани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик пешгирӣ карда шуд.

Миллати азизи тоҷик дар он давраи ниҳоят мураккабу тақдирсоз қаҳрамонии бемисли таърихӣ нишон дод ва ба ҷаҳониён собит сохт, ки дар ҳақиқат яке аз миллатҳои бостонӣ, фарҳангӣ ва тамаддунсози дунё мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, сокинони кишвари мо ба истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ арҷи хосса мегузоранд, аз ин дастовардҳои худ ифтихор мекунанд ва ин неъматҳои бебаҳои зиндагии худро чун гавҳараки чашм ҳифз менамоянд.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо имрӯз ҳамқадами дигар кишварҳои мутараққии олам ба сӯйи ояндаи дурахшону ободи худ бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Кишвари мо бо заҳмату талоши ватандӯстонаи мардумамон аз як ҷашни истиқлол то ҷашни дигар ободу зеботар ва дастовардҳои он дар ҳама самтҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ сол ба сол бештар мегардад.

Ҷашни 34-солагии истиқлоли давлатӣ низ бо пешравиҳои назаррас дар иҷрои барномаву нақшаҳои қабулгардида таҷлил мегардад.



То имрӯз мо дар ҷодаи ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва бо ғизои хушсифат таъмин кардани аҳолӣ, инчунин, саноатикунонии босуръати кишвар корҳои зиёдеро амалӣ намудем.

Иқдомоти амалигардида имкон фароҳам оварданд, ки сатҳи камбизоатӣ дар кишвар сол ба сол коҳиш ёфта, болоравии некӯаҳволии мардум таъмин карда шавад.

Дар ин давра, махсусан, рушди бомароми бесобиқаи соҳаҳои илму маориф ва фарҳангу маънавиёт таъмин карда шуд.

Аз ҷумла ба хотири фароҳам овардани шароити беҳтарин барои таълиму тарбияи наслҳои ояндасози Ватан шумораи муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот бамаротиб афзуда, танҳо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ беш аз чор баробар зиёд гардиданд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо ин аст, ки миллати тоҷик дубора ба асли хеш, яъне ҳувияти таърихии худ баргашт, мероси чандинҳазорсолаи фарҳангӣ, илмиву адабӣ, забони нобии тоҷикӣ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллии худро эҳё кард, соҳибӣ намуд ва омӯзиши онҳоро аз нигоҳи нав ба роҳ монд.

Дар сатҳи баланд таҷлил гардидани ҷашнҳои бостонии Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон ҳамчун мероси гаронбаҳои ниёгон ба болоравии худшиносиву худогоҳӣ ва ҳисси миллии мардум, бахусус, наврасону ҷавонон мусоидат карда истодааст.

Дар ин раванд, дар пойтахт ва ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат садҳо театр, қасрҳои фарҳанг, мактабҳои санъат, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангу фароғат ва осорхонаҳо бунёд карда шуданд, ки ҳоло дар хизмати мардум қарор доранд.

Боиси қаноатмандиву ифтихор аст, ки имрӯз дар хонадони ҳар як сокини мамлакат шоҳасари Бобоҷон Ғафуров – «Тоҷикон» мавҷуд аст.

Мо тасмим гирифтем, ки «Шоҳнома»-и безаволи ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ – ҳамосаи рӯҳи қудратманди миллатро низ дар ду ҷилд ба ҳар як оилаи кишвар дастрас гардонем ва ҳоло ин кор идома дорад.

Қобили зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ бо мақсади пешбурди тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш ва рушди он барои наврасону ҷавонон ҳазорҳо иншоот бунёд карда шуданд, ки нисбат ба даврони гузашта даҳҳо баробар зиёд мебошад.

Тайи 34 соли гузашта дар самти сиёсати хориҷӣ ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ даҳҳо рӯйдоди муҳимми таърихӣ ба вуқӯъ пайваст ва боиси болоравии нуфузу обрӯи кишвари мо дар арсаи олам гардид.

Ҳоло Тоҷикистони азизи моро тамоми дунё мешиносад, эътироф ва эҳтиром мекунад, ташаббусҳои онро доир ба ҳалли мушкилоти глобалӣ дастгирӣ ва амалӣ месозад.

Аз ҷумла бо баргузор намудани Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо моҳи майи соли 2025 мо бори дигар ба ҷаҳониён собит намудем, ки Тоҷикистон омода аст минбаъд низ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ саҳми назаррас гузорад.

Дар ин раванд, 25-уми июли соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид боз як ташаббуси Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карда, зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қатъномаи махсусро якдилона қабул намуд.

Ҳамватанони азиз!

Дастовардҳои тайи 34 сол ноилшудаамон моро ба ояндаи ободу осудаи Ватани маҳбубамон дилпур месозанд ва дар айни замон, ба зиммаи ҳар яки мо масъулияти бузург мегузоранд, ки барои ҳифзи истиқлолу озодии кишварамон ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатиамон ҳамеша омода бошем.

Барои иҷрои ин масъулият ҳар яки мо бояд ба Ватан, миллат ва давлат содиқ бошем, сарзамини аҷдодии худро дӯст дорем ва барои пешрафту ободии он боз ҳам бештар кор кунем ва заҳмат кашем.

Дар шароити буҳрониву бисёр ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд беш аз пеш муттаҳиду сарҷамъ бошем ва фаромӯш накунем, ки қудрату пойдории миллат дар иттиҳоду ваҳдат аст.

Мо вазифадорем, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллии бо баҳои бисёр гарон бадастовардаи худро эҳтиром, эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Соли оянда мо 35-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистонро ҷашн мегирем.

Бо мақсади истиқболи сазовори ин ҷашни бузурги таърихӣ ҳамаи мо бояд барои созандагиву ободонии диёри биҳиштосоямон ҳарчи бештар заҳмат кашем, аз хонаву кошонаи худамон сар карда, тамоми қаламрави кишвари маҳбубамонро ободу зебо ва тозаву озода гардонем.

Бори дигар 34-солагии ҷашни муқаддаси миллӣ – истиқлоли давлатиро ба кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ самимона табрик мегӯям.

Ба хонадони ҳар як фарди Ватан фараҳу шодмонӣ, осоишу оромӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

Ҷашни истиқлоли давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

# Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд



5 сентябр дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар паради ҳарбӣ ба ифтихори 30-солагии таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Ба Президенти кишвар, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба омодагии ҳайати шахсии қӯшунҳои гарнизони ҳарбии Душанбе барои гузашти низомӣ фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники гвардия Бобоҷон Ҷамолзода гузориш дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо арзи салом ба ҳайати шахсӣ онҳоро бо ҷашни таърихии 30-солагии таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуданд.

Қабл аз оғози паради ҳарбӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, доир ба ҳифзи дастовардҳои давлати соҳибистиқлол ва фазои орому осудаи ин кишвари биҳиштосо андешаҳои худро баён доштанд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳайати шахсии гвардия, дигар сохторҳои низомӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва иштирокдорони паради ҳарбӣ — афсарону сарбозонро ба ифтихори 34-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона шодбош гуфтанд.

Таъкид гардид, ки Гвардияи миллӣ воҳиди махсуси дорои иқтидору имкониятҳои муосир ва омодабошии баланд буда, дар ташаккули низоми мудофиавии кишвар нақши муҳим дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи ташкили ин ниҳоди муосири низомӣ ёдовар шуда, таъкид доштанд, ки Гвардияи миллӣ бо мақсади ҳимояи истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар, иштирок дар муҳофизати иншооти муҳимми давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин, барои иҷрои дигар вазифаҳое, ки аз ҷониби роҳбарияти давлат гузошта мешаванд, таъсис дода шудааст.

Гуфта шуд, ки Гвардияи миллӣ мисли дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар давраи барои кишвар басо вазнину ҳассос ва дар заминаи як бригадаи таъиноти махсус таъсис дода шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба нақш ва саҳми ин ниҳод суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки ҳайати шахсии гвардияи миллӣ аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ дар баробари дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар роҳи хеле душвору сангин, вале пуршарафро сипарӣ карда, номи пурифтихори гвардиячиро бо ҷасорату ҷавонмардӣ ва хизмати содиқона ба давлат, Ватан ва мардуми Тоҷикистон ҳифз намуд.

“Гвардияи миллӣ, ки мо онро ҳамчун рамзи давлатдории навини миллӣ ва бо дарназардошти нишонаҳои таърихи гузаштаи миллати тоҷик таъсис додем, ба як сохтори қудратманди ҳарбии таъиноти махсус табдил ёфтааст, ки ин дар навбати худ, яке аз омилҳои муҳимми ҳифзи истиқлолу озодӣ, тамомияти арзии кишвар ва амнияти давлату ҷомеа мебошад”, изҳор доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Хотиррасон карда шуд, ки афсарону сарбозони гвардия дар солҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз паҳлу ба паҳлу бо дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар барои барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, мубориза бо терроризм ва экстремизм, таъмин намудани сулҳу субот ва ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон саҳми арзишманд гузоштанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки хизматчиёни ҳарбии гвардия ва умуман ҳамаи сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд дорои малакаву дониши мукаммал, интизоми қатъии ҳарбӣ, сатҳи баланди касбият, шуҷоату далерӣ, ҳушёриву зиракӣ ва намунаи ибрати садоқату ватандорӣ бошанд.

Дар робита ба шароити бисёр мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир зарур шумурда шуд, ки ба хотири муқовимат ба таҳдиду хатарҳои зикршуда фаъолияти ҳайати фармондеҳиву ситодии сохторҳои низомии кишвар ва ҳамкории ҳамаи ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшида шавад.

Роҳбарияти Гвардияи миллӣ вазифадор гардид, ки риояи бечунучаро ва ҳатмии қонуният, тақвияти корҳои сиёсиву тарбиявӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи касбият, маҳорату малакаи хизматчиёни ҳарбӣ ва интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳоро таъмин намоянд.

Баъди суханронии Президенти кишвар, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон паради ҳарбии хизматчиёни низомӣ баргузор шуд.

Дар Паради ҳарбӣ ба ифтихори таҷлил аз ин санаи муҳими таърихӣ беш аз 5 ҳазор хизматчии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, сохторҳои қудратӣ, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, занону бонувони Артиши миллӣ ва ҳомиёни қонунияту тартибот иштирок намуданд.

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шохаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар буда, дар тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ қарор дорад ва аз ҷумлаи неруҳои захиравии Сарвари давлат ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки ин сохтори бонуфузи низомӣ моҳи январи соли 1995 дар заминаи як бригадаи зудамал бо номи Гвардияи президентӣ таъсис дода шуда буд.

Ҳайати шахсии Гвардия аз рӯзҳои аввал бо устуворию матонат ба иҷрои хизмат шурӯъ карда, дар лаҳзаҳои тақдирсози миллат ба гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар майдони ҳарбу зарб ғолиб омада, сазовори боварии Сарвари давлат ва мардуми Тоҷикистон гардидааст.

Дар майдони сафорой дар баробари ҳайати шахсӣ шумораи зиёди техникаҳои гуногуни зиреҳпуши ҷангӣ ва навъҳои мухталифи автомашинаҳои ҷангию хизматӣ, гузошта шуда буд.

Парвози тайёраҳои ҷангӣ аз болои маҳалли баргузории чорабинӣ, иҷрои бомаҳорати амалҳои мухталифи сарнишин ва ғурриши муҳаррики тайёра дар осмон ба паради низомӣ шукуҳи дигар бахшид.








# Дастовардҳо муборак!



28 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри миллат ба ифтихори ҷашни муқаддас ва бузурги миллӣ - 34-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба як қатор намояндагони сохторҳои қудратӣ ва низомии кишвар мукофотҳои давлатӣ, унвону рутбаҳои навбатии ҳарбӣ ва махсус супориданд. Аз ҷумла, дар ин чорабинии тантанавӣ фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолзода Бобоҷон бо рутбаи **генерал-полковники гвардия** сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин, як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатӣ, рутбаи навбатии ҳарбии полковники гвардия сарфароз гардиданд.

**Бо медали Ҷасорат:** полковники гвардия Қувватзода Хушбахт-сардори шуъбаи фармонҳои раёсати корҳо, подполковники гвардия Сатторзода Шӯҳрат-сардори шуъбаи раёсати Фармондеҳӣ, подполковники гвардия Каримзода Алиҷон-сардори шуъбаи аслиҳаи мушакию артиллерии раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, подполковники гвардия Шарифзода Дилшод-муовини командир -сармуҳандиси қисми ҳарбии 051053, подполковники гвардия Олимзода Исмоил-командири баталёни қисми ҳарбии 051056, подполковники гвардия Юсуфзода Баҳодур-сардори ситод-муовини аввали командири қисми ҳарбии 051059, майори гвардия Мусофирзод Маҳмадалӣ-сардори гурӯҳи қисми ҳарбии 051063,

**бо медали Хизмати шоиста:** подполковники гвардия Шодмонзода Субҳон-муовини сардори оркестри ҳарбӣ, подполковники гвардия Сайдаҳмадзода Дилшод-муовини командири қисми ҳарбӣ оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбии қисми ҳарбии 051054, лейтенанти хурди гвардия Ҳабибуллозода Фирӯза-мив. сардори маркази алоқаи шуъбаи алоқаи Сарситод, лейтенанти калони гвардия Олимхонзода Маҳтобӣ-сардори нуқтаи тиббии қисми ҳарбии 051052,

**бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:** подполковники гвардия Рустамзода Аниса-сардори шуъбаи ҷобаҷогузорӣ ва пуррагардонии кадрҳои раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбӣ, капитани гвардия Саидзода Рафоат -афсар оид ба банақшагирии таъмири техникаи автомобилии шуъбаи автомобилии раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, майори гвардия Насруллозода Гулчеҳра -сардори хадамоти амволи шайъии хадамоти ақибгоҳи қисми ҳарбии 051054, подполковники гвардия Бобозода Дилафрӯз-сардори шуъбаи касалиҳои пуст ва касалиҳои танасулӣ-духтури касалиҳои пӯсти қисми ҳарбии 051060,

**бо рутбаи ҳарбии полковники гвардия:** Тиллозода Аъзамҷон-мив.сардори раёсати тайёрии ҷангӣ, Муродзода Шарифҷон-сардори тайёрии махсуси кӯҳии раёсати тайёрии ҷангӣ, Зарифзода Толиб-сардори шуъбаи амнияти шахсии Фармондеҳӣ, Музаффариён Фарҳод-сардори шуъбаи тайёрии тарбияи ватандӯстии раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, Саидзода Эҳсон-сардори шуъбаи хӯрокаи раёсати ақибгоҳ, Ҷамахонзода Икром-сардори ситод-муовини аввали командири қисми ҳарбии 051054.



## ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ



Дар доираи сазовор таҷлил намудани ҷашни истиқлоли давлатӣ ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Гвардияи милии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 25-уми августи соли равон бинои истиқоматӣ барои хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ, дар шафати қисми ҳарбии 051062 мавриди истифода қарор дода шуд.

Муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ генерал-майори гвардия Самарзода Қиёмиддин ва муовини директори ҶДММ “Тавилдарасохтмончӣ” Исмонов Шамсулло калиди хонаҳои хизматиро дар фазои идона ва шодиву нишот ба афсарону прапоршикон супориданд. Ҳамзамон хизматчиёни ҳарбиро бо ҷашнҳои бузурги миллӣ, яъне Истиқлолияти давлатӣ ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона муборакбод намуданд.

Дар навбати худ хизматчиёни ҳарбӣ барои дастгирӣ ва ғамхории пайваста ба Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ изҳори миннатдорӣ баён намуда, барои самимона ва содиқона



идома додани хизмат ба Президент ва мардуми шарифи Тоҷикистон ваъда доданд.

Бинои истиқоматӣ чорошёна буда, аз 8 хонаи дуҳуҷрагӣ ва 24 хонаи якҳуҷрагӣ иборат мебошад. Корҳои сохтмонии бино аз тарафи Дирексияи сохтмони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Қобили зикр аст, ки вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ба истифода додани бинои истиқоматӣ ба хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ идомаи ташаббус ва ғамхориҳои Пешвои миллат-Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

## БУЗУРГГУФТАҲОИ

### Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби Истиқлолият

Ормонҳои волои истиқлолият, меҳанпарастиву башардӯстӣ, озодфикриву озодманишӣ, илмомӯзиву маърифатпарварӣ, хайрхоҳиву таҳаммулгароӣ, ваҳдату дӯстӣ, хулоса ахлоқи ҳамидаву фазилатҳои неки инсонӣ мероси бегазанди тамоми ниёгони бузурги мо аст, ки мардуми тоҷик ва аҳли оламро ба сӯи ояндаи нек ва рӯзгори пурсаодат ҳидоят менамоянд.

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ба халқу мамлакати мо қувваи тавоное бахшида, барои пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ фазои мусоиду озод фароҳам овард ва имрӯз мо дилпурона метавонем гӯем, ки Тоҷикистон дар кӯтоҳтарин муддат ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид.

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст. Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ нишонаи пойдориву бақои он мебошад. Зеро дар дунёи пуртазоди муосир фақат миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад.

Истиқлолияти давлатӣ дар назди мардуми тоҷик вазифаҳои бузурги таърихие гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум буданд.

# Идомаи тантанаҳои ҷашни 30-солагии Гвардияи миллӣ



5-уми сентябр дар идомаи фазои идона ва тантанаҳои ҷашнӣ дар майдони сафороии қисми ҳарбии 051055 ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ саф оростанд. Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники гвардия Ҷамолзода Бобоҷон иштирокчиёни Паради ҳарбиро бори дигар ба ҷашнҳои бузурги миллӣ табрик намуда, барои иштироки фаъолона дар Паради ҳарбӣ «раҳматнома» эълон намуданд.

Қобили зикр аст, ки ба муносибати ҷашни 34 - умин солгарди Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбӣ барои хизмати шоиста, нишондодҳои намоён дар тайёрии ҷангӣ ва саҳми арзанда дар фаъолияти ҳамарӯзаи хизмати ҳарбӣ аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ гардида, ба гурӯҳи дигар рутбаи навбатии ҳарбӣ-полковники гвардия дода шуд.

Ҳамчунин, афсарон прапоршикон, сержантон ва сарбозони гвардия бо медалҳои ҷашнӣ, ифтихорнома ва мактубҳои миннатдорӣ аз номи фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.



Бояд қайд намоем, ки дар пайравӣ ба сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизмати софдилонаву содиқона ба Ватан ва халқи бузурги тоҷик ҳамеша аз ҷониби роҳбарияти Гвардияи миллӣ дастгирӣ ва қадрдонӣ карда мешавад.

# Бахти тобони миллат

9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрии худро эълон намуд ва бо ҳамин дар арсаи таърих ба оғози давлати нави тоҷикон ибтидо гузошт, ки он бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллат мебошад.

Ин санаи тақдирсоз барои халқи тоҷик ҳамчун рӯзи баркарории адолати таърихии халқи куҳанбунёдамон ба шумор меравад, ки имсол мардуми кишвари маҳбубамон 34-солагии онро бо камоли ифтихору сарфарозӣ ва шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн мегиранд.

Бояд зикр кард, ки маҳз бо сарварии фарзанди фарзонаи миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати навини тоҷикон эҳё гашта, давра ба давра рушду тараққӣ карда, дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хосаи худро пайдо кардааст.

Имрӯз мардуми мо бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва нерӯи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

Бинобар ин, мо бо тамоми ҳастӣ ва эътиқоди ботинии худ ин маъниро бояд дарк намуда, онро пос дорем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Истиқлолият тантанаи хирад ва андешаи миллати солору куҳанбунёди тоҷик, оғози марҳилаи навини давлатдории миллӣ, омили иттиҳоду сарҷамъии мардуми фидокору ватандӯсти мо, василаи муҳимтарини ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, нишонаи возеҳи ҳастии миллат ба шумор меравад».

Дарвоқеъ, истиқлоли давлатӣ шиносномаи ҳастии миллату давлат буда, волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату халқи мамлакатамон аст, ки бо омаданаш нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиро фароҳам овард.

Дар ин радиф қабули Конститутсия, рамзҳои давлатӣ - Нишон, Парчам, Суруди миллӣ ва ташкил намудани Артиши миллӣ, ки яке аз рукнҳои асосии давлати соҳибистиқлоламон гаштааст, дастоварди дигари даврони истиқлол ба шумор мераванд.

Имрӯз мардуми шарафманди мо ифтихор аз он доранд, ки кишвари соҳибистиқлоламон аъзои бисёр созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ гашта, бо зиёда аз 190 давлати дунё робитаҳои хуби дӯстиву ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки ин далели эътирофи гардидани кишвари мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар тамоми самтҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар пешравию дигаргуниҳои куллӣ ба миён омад, ки ин дастовардҳоро метавон беҳисоб ва пурарзиш арзёбӣ кард.

Аз ин рӯ, устувор нигоҳ доштани Истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои беназири он, ки мардуми кишварамон ба он шарафманд шудааст, ҳамаи мо вазифадорем, ки барои ҳифзи ин неъмати бузург, бо ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ ва оиндаи дурахшони мамлакат кору зиндагӣ намоем.

Прокурори ҳарбии шуъбаи назорати умумии Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники адлия
Карим САЛИМЗОДА




# БУЗУРГГУФТАҲО
## дар боби Истиқлолият

Имрӯз ҳамаи мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва нерӯи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

Муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолият – ин дастоварди бузург ва неъмати беҳамтои миллӣ вазифаи давлат ва рисолати ҷонии ҳар шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва бонангу номуси Тоҷикистон аст.

Мову шумо аз фарози асри бисту як бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарастии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони ватанпарвар навишта шудаанд.

Расидан ба қадри истиқлолият ва давлатдории мустақилона, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ, бедории маънавӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатдорӣ – ҳама дар маҷмуъ моро ба сӯи бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ мебаранд.

Истиқлолият ва зарурати таҳкими дастовардҳои он моро водор месозад, ки хотираи таърихии халқамонро эҳё намуда, арзишҳои ахлоқиву фарҳангии худро аз нав барқарор созем ва барои рушду нумуи забону адабиёт, илму фарҳанг ва мактабу маориф беш аз ҳар вақти дигар кӯшишу ғайрат намоем.

Таҳияи Субҳиддин ШАМСИДДИНЗОДА, АМИТ «Ховар»

Муассис:
Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Ёқубҷон Султонализода хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха